ISSN 9789-9985

№ 2 (50) 2021

# КАС ТОҶИКИСТОН: ИҚТИСОДИЁТ, ТАШКИЛ ВА ИДОРАКУНӢ

# АПК ТАДЖИКИСТАН: ЭКОНОМИКА, ОРГАНИЗАЦИЯ И УПРАВЛЕНИЕ

# IAC TAJIKISTAN: ECONOMICS, ORGANIZATION AND MANAGEMENT

ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ТАҲҚИҚИ СИСТЕМАВИИ РУШДИ КИШОВАРЗИИ АИКТ

МАҶАЛЛАИ НАЗАРИЯВӢ ВА ИЛМИЮ ИСТЕҲСОЛӢ

ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ И НАУЧНО-ПРАКТИЧЕСКИЙ ЖУРНАЛ

THEORETIC AND SCIENTIFIC-PRACTICAL MAGAZINE



**ББК: 65.5+65.9(2 тоҷик)+41/42+44+65**
**ТДУ: 33 тоҷик+338+336+339+63+365+634**

Соли 2009 таъсис ёфтааст.

**МУАССИС:**
Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ

**САРМУҲАРРИР:**
Ҷ.С. Пиризода - д.и.и., академик

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
А.Б. Мирсаидов – д.и.и. профессор
З.Р. Шарифов – д.и.и. профессор
Т.Т. Набиев – д.и.и.
К.Н. Файзуллоева – н.и.и.
Н.И. Амиров – н.и.и.
Ш.Т. Одинаев – н.и.и., дотсент
М.Д. Шоазизова – н.и.и.
Ш.Х. Махмудова – н.и.и.
Т.Р. Ергашева – н.и.и.
**МУҲАРРИРОН:**
Қ.Ш. Шамсиев – д.и.и.
Х.М. Давлатов – н.и.и., дотсент
Г.А. Бораҷабова

**КОТИБИ МАСЪУЛ:**
Д.Ҳ. Ахмедов Д.Ҳ. – н.и.и.

**СУРОҒА:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, куч. Ҳаёти нав, 306.
Индекси почта – 734049,
E-mail: apk.tniieosp@mail.com
**Тел./факс (372) 236-37-67**

Маҷалла аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (№0082/МҶ аз 25.01.2017 с.) ба қайд гирифта шудааст

***Масъулият ва дақиқии маводи чопшуда ба зиммаи муаллифон вогузор аст.***

Основан в 2009 г.

**УЧРЕДИТЕЛЬ:**
Институт экономики и системного анализа сельского хозяйства ТАСХН

**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР**
Дж.С. Пиризода – д.э.н., академик

**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:**
А.Б. Мирсаидов – д.э.н. профессор
З.Р. Шарифов – д.э.н. профессор
Т.Т. Набиев – д.э.н.
К.Н. Файзуллоева – к.э.н.
Н.И. Амиров – к.э.н.
Ш.Т. Одинаев – к.э.н., доцент.
М.Д. Шоазизова – к.э.н.
Ш.Х. Махмудова – к.э.н.
Т.Р. Ергашева – к.э.н.
**РЕДАКТОРЫ:**
Қ.Ш. Шамсиев – д.э.н.
Х.М. Давлатов – к.э.н., доцент
Г.А. Бораджабова

**ОТВЕТСТВЕННЫЙ СЕКРЕТАР**:
Д.Х. Ахмедов – к.э.н.

**АДРЕС ДЛЯ КОРРЕСПОНДЕНЦИИ:**
Республика Таджикистан,
г. Душанбе, ул. Хаёти нав, 306.
Почтовый индекс – 734049
E-mail: apk.tniieosp@mail.com
**Тел./факс (372) 236-37-67**

Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан. (№0082/МҶ из 25.01.2017 г.)

***Авторы статей несут ответственность за содержание печатных работ.***

Sat up in 2009.

**CONSTITUTOR:**
Institute of economics and system analysis of agriculture of the Academy of Agricultural Sciences

**EDITOR-IN-CHIEF**
S.J. Pirizoda - D. of e. s., academic

**EDITORIAL BOARD:**
A.B. Mirsaidov, D. of e. s, professor
Z.R. Sharifov - D. of e.s., professor
T.T. Nabiev - D. of e. s.
K.N. Fayzulloeva - k. of e. s.
N.I. Amirov - k. of e. s.
Sh.T. Odinaev - k. of e. s. dotsent
Sh. H. Mahmudova - k. of e. s.
M.D. Shohazizova - k. of e. s.
T.R. Yergasheva – k.of. e. s.
**EDITORS**
K. Sh. Shamsiev - D. of e. professor
M.Hk. Davlatov - k. of e. s. dotsent
A.G. Borajabova

**EXECUTIVE SECRETARY:**
H.D. Akhmedov - k. of e. s. dotsent

**ADDRESS FOR CORRESPONDENCE:**
Republic of Tajikistan.
Dushanbe city, Hayoti nav strit, 306
ZIP code – 734049
E-mail: apk.tniieosp@mail.com
Tel./fax **(372) 236-37-67**

The journal is registered in Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan
(№0082/МҶ from 25.01.2017 y.)

***The authors of the articles are responsible for the contents of the printed works.***

Суроғаи бонкӣ:
РМА: 020002287
С/ҳ : 20204972712010100002
К/Х: 22402972000002. МФО: 350101800
БАНК: Департаменти маблаггузории БДА ҶТ “Амонатбонк”

**© «КАС: Тоҷикистон: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунӣ». 2021**

# МУНДАРИҶА

**Пиризода Ҷ. С., Фарҳоди Қ.** Мавқеъ ва аҳамияти андоз аз даромад дар шароити имрӯза...... 4

**Бобоазиззода Ш. А., Шарипова Д. М.** Саҳми минтақа дар ташаккули заминаи амнияти озуқаворӣ........ 8

**Ҳодиев Д., Сатторов Ё. А.** Омилҳои муайянкунандаи раванди такмилёбии инфрасохтори иҷтимоии деҳот........ 13

**Одинаев Ш. Т., Бозориев Р. Ш.** Тамоюли рушди соҳибкорӣ дар иқтисоди деҳот........ 19

**Шарипова Д. М.** Влияние факторов конкурентоспособности экономики региона в росте обеспечения продовольственной продукцией........ 32

**Давлатов Х. М., Ахмедов Д. Ҳ., Муслиҳҳидини Т. Б.** Мукамалгардонии воситаҳои пулӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ........ 39

**Ҳайдарзода Ш. С., Бобоазиззода Ш. А.** Татбиқи иқтисоди рақамӣ дар Тоҷикистон........ 44

**Хакимов З. Дж.** Развитие яичного и мясного птицеводства в Республике Таджикистан ...... 51

**Қурбонов А. Р., Хоҷаев Н. С., Раупов А. Ҳ.** Тиҷорати элктронӣ, таърих ва марҳилаҳои рушди он........ 57

**Ахмедов Д. Ҳ., Ахлиддини Ф., Олимзода Ш. А.** Экономическая эффективности садово-виноградарческой продукции Республики Таджикистан ........ 64

# CONTENTS

**Pirizoda J. S., Farhodi Q.** Position and importance of income tax in current conditions........ 4

**Bobofzizzoda Sh. A., Sharipova D. M.** Contribution of the region to formation of food security basis ........ 8

**Hodiev D. A. Satorov Yo. A.** The factor determining the process of improving the social infrastructure of the village........ 13

**Odinaev Sh. T., Bozoriev R. Sh.** Trends in development of entrepreneurship in rural economy........ 19

**Sharifova D. M**. Influence of factors of competitiveness of economy of region is in height of providing food products ........ 32

**Davlatov H. M., Akhmedov D. H., Muslihiddin T. B.** Improving funds in a market economy.... 39

**Boboazizzoda Sh. A., Haydarzoda Sh. S.** Implementation of the digital economy in Tajikistan ........ 44

**Hakimov S. J.** Development of egg and meat poultry in the republic of Tajikistan ........ 51

**Kurbanov A. R., Khojaev N. S., Raupov A. H.,** E-commerce, history and stages of its development........ 57

**Akhmedov D.H., Ahliddini A., Olimzoda Sh.A.** Economic efficiency of gardening and grape products in the republic of tajikistan........ 64

**ТДУ:45.125.3.**

# МАВҚЕЪ ВА АҲАМИЯТИ АНДОЗ АЗ ДАРОМАД ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗА

***Пиризода Ҷ.С., Фарҳоди Қ.***

**Анотатсия:** дар мақолаи мазкур, сатҳи даромаднокии аҳолии кишвар вобаста ба андоз аз даромад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, вобаста ба ин музди маоши миёнаи соҳаҳои хоҷагии халқи маблакат мавриди барраси қарор гирифтааст. Инчунин механизми ташкили идоракунии андоз аз даромад пешниҳодҳо гардидааст.

**Вожаҳои калидӣ:** андоз, даромад, резидент, андозсупоранда, корхона, идоракунӣ.

Муаммоҳои андоз ва андозбандӣ ҳамавақт фикрҳои иқтисодчиён, файласуфони ҷаҳон ва кормандони давлатиро дар ҳама давру замон ҷалб мекунанд. Яке аз асосгузорони назарияи андозбандӣ *Адам Смит* мегуфт: «андозҳо барои шахсоне, ки онҳоро мепардозанд, хусусияти ғуломӣ нею хосияти озод буданро маънидод мекунанд».

Андозҳо дар аввали тамаддуни инсонӣ ҳанӯз истифода бурда шуда, пайдоиши онҳо ба эҳтиёҷотҳои аввалини ҷамъиятӣ алоқаманд мебошанд. Ягон давлат наметавонист аз шаҳрвандони худ аз андоз истифода набарад. Нависанда ва таърихчии фаронсагӣ *Франсуа – Мари Волтер* гуфта буд: «Пардохти андозҳо – ин додани як қисми моликияти худ бо мақсади нигоҳ доштани моликияти боқимондаи худ» мебошад. [1, саҳ-5].

К.Маркс андозро чунин шарҳ додааст: «Дар андозҳо мавҷудияти иқтисодии давлат таҷассум ёфтаанд» яъне андозҳо дар ғанигардонии қисми даромади буҷет нақши муҳимро мебозанд.

Дар осори илмии мутафакири форсу тоҷик Насриддини Тӯсӣ оид ба назорат, даромад ва хароҷоти андоз ба буҷети давлатӣ чунин омадааст.

Принсипи аввал - бояд ҳатмӣ барои ҳифзи даромади аҳолӣ кушиш намуда вобаста ба имкониятҳо ҳаҷми даромади умумии онҳоро андозбанди кардан лозим аст.

Принсипи аввал - андозбандӣ воқеӣ ва бомаврид буда, ба ақидаи Насриддини Тӯсӣ пардохти ҳар ян намуди андоз бояд шартан набуда, набояд барои андозсупоранда мушкилот пеш орад. Андозсупоранда бояд вобаста ба имкониятҳои дошта андозҳоро пардохт намояд. [2, саҳ 366].

Дар замони муосир омӯзиши масъалаҳои глобалии танзими иқтисодиёт тавассути андозҳо, дар илми иқтисодӣ нақши муҳимро дошта, таҳлилу баррассии он дар шароити имрӯза хело мубрам мебошад.

Дар раванди рушди иқтисодиёти давлатҳо механизми андоз ва андозбанди нақши муҳимро мебозад. Олимони соҳаи иқтисоди дар бораи андоз фикру ақидаҳои гуногун дошта, ҳар яки он вобаста ба давру замони худ пешниҳодҳо кардааст.

Супорандагони андоз аз даромад шахсони воқеӣ - резидентҳо ва ғайрирезидентҳо мебошанд, ки объекти андозбандишаванда ба ҳисоб меравад. Барои шахсони воқеие, ки резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд аз манбаъҳои даромади воқеъи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) аз манбаҳои берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравaнд.




**Нақшаи 1. Меъери андоз аз даромад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Манбаи андоз аз даромад, даромади умумие мебошад, ки шахсони воқеӣ–резидентҳо ва ғайрирезидентҳо гирифтаанд. Меъёри андоз аз даромад дар Кодекси Андози Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин муқарар шудааст. [1, саҳ-82]
Бояд ёдовар шуд, ки барои дастгирии табақаҳои миёнаи аҳолӣ, баъзе давлатҳо андоз аз даромадро намеситонанд. Нигаред ба нақшаи 2.




**Нақшаи 2. Мамлакатҳои андоз аз даромад озод буда.**

Тавре аз нақша ба чашм мерасад, андоз аз даромади шахсони воқеӣ қариб дар аксари кишварҳои олам амал мекунад. Фарқ танҳо дар он аст, ки дар иддае аз кишварҳо меъёри андоз аз даромад вобаста ба ҳаҷми даромади солонаи шаҳрвандон тибқи ҷадвалҳои гуногун пардохт мешавад. Аз он ҷумла, қариб дар ҳамаи кишварҳои собиқи Шӯравӣ меъёри андоз аз даромад барои ҳамаи даромадҳо як аст. Вале дар кишварҳои аврупоӣ аксаран вобаста ба ҳаҷми даромади солона якбора ду ё се меъёр пешбинӣ гаштааст.

Ҷадвали 1.

**Меъёри андоз аз даромад дар ИМА ва Олмон**

| **ИМА бо доллар** | |
|---|---|
| Даромади солона | Меъёри андоз аз даромад бо % |
| Кам аз 29750 | 15% |
| 29751-71900 | 28% |
| 71901-149250 | 33% |
| Зиёда 149251 | 28% |
| **Олмон бо Евро** | |
| То 5963 | 0% |
| Аз 5964 то 11897 | 5,5% |
| Аз 18898 то 26420 | 14 % |
| Аз 26421 то 70830 | 30% |
| Аз 70831 то 150000 | 41% |
| Аз 150001 то 1000000 | 45% |
| Зиёда 1000000 | 49% |

Аз ин ҷо бармеояд, ки низоми андозу андозбандии кишварҳои Осиёи Миёна ва кишварҳои Аврупо хусусиятҳои хоси худро дошта аз ҳамдигар фарққунанда мебошад. Воридшавии маблағ ба буҷед аз ҳисоби андозҳо то 1-уми январи соли 2020, 69,7%- ро ташкил дода ҳисаи андоз аз даромад дар соли 2020 дар диаграма оварда шудааст.

**Диаграммаи 1.**




**Воридоти маблағҳои андози ба буҷет.**

Ҳоло ҷумҳурии мо дар давраи гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ қарор дорад, ҳарчанд дар системаи андоз тағийротҳо ворид гардида бошад ҳам, мушкилиҳои зиёде ба чашм мерасанд. Масалан корхонаҳои истеҳсолӣ, ки онҳо сарчашмаи асосии даромади буҷетро ташкил медиҳанд, дар фаъолияташон ба душвориҳои зиёде ру ба ру мешаванд. Ҳолатҳое ба чаш мерасанд, ки шахсони алоҳида бошад аз супоридани андозҳо ва дигар пардохтҳо дасткашӣ мекунанд. [2].

-меъёрҳои андоз бояд аз рӯи даромади андозсупоранда гузошта шавад. Масалан ҳади ақали музди маъош дар кишварамон ба 400 сомонӣ баробар аст, аммо меъёри андоз 8-13% мебошад. Мо метавонем аз таҷрибаи давлатҳои Аврупо истифода бурда вобаста ба даромади музди маъоши шахсони воқеъӣ меъёри андозро муқарар намоем.

-таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳиссаи тамоми андозҳо дар даромадҳои буҷетӣ тамоили камшавӣ доранд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки манбаи андозбандӣ кам шуда ва гаронии андозҳо ба души андозсупорандагон зиёд шудаистодааст.

Хулоса, дар ҷараёни амалинамоии Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон умедворем, ки даромади андозсупорандагон ба назар гирифта меъёри пасти андоз муқарар хоҳад шуд, ки ин ба ташкил ва фаъолияти самараноки корхонаҳои истеҳсолӣ мусоидат намуда, ба баланд шудани музди меҳнати шаҳрвандон, таъмини ҷойҳои нави кор ва беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ оварда дар ниҳояти кор ба ғанӣ гардонидани буҷет таъсири мусбии худро мерасонад.

**Адабиёт**


1. Шомуродов Ф. Асосҳои системаи миллии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография. Душанбе. «ЭР-граф» 2009 с.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. «Шарқи озод», 2017 с.
3. Бозоров Ш.Ш. Асосҳои соҳибкорӣ. Душанбе. “ЭР-граф” – 2018 с.

## МЕСТО И ЗНАЧЕНИЕ НАЛОГА НА ДОХОД В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

***Пиризода ДЖ.С., Фарходи К.***

**Аннотация:** в статье анализируется уровень доходов населения страны по отношению к подоходному налогу в Республике Таджикистан, в связи с этим учитывалась средняя заработная плата в народном хозяйстве. Предлагается также механизм организации управления налогом на прибыль.

**Ключевые слова**: налог, доход, резидент, налогоплательщик, предприятие, управление.

## POSITION AND IMPORTANCE OF INCOME TAX IN CURRENT CONDITIONS

***Pirizoda J.S, Farhodi Q.***

**Annotation:** This article analyzes the level of income of the country's population in relation to income tax in the Republic of Tajikistan. The mechanism of organization of income tax management is also proposed.

**Keywords:** tax, income, resident, taxpayer, enterprise, management.

**Маълумот дар бораи муалиффон:**

**Пиризода Ҷалил Сафар** – д.и.и., академик Директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ;

**Фарҳоди Карим** – омузгори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав.

**УДК-338.Т**
**ББК-65.9(2Т)26**

# САҲМИ МИНТАҚА ДАР ТАШАККУЛИ ЗАМИНАИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ

***Бобоазиззода Ш. А., Шарипова Д. М.***

***Аннотатсия:*** Дар мақола нақши минтақа дар эҷоди заминаи моддию техникии таъмини амнияти озуқаворӣ баррасӣ мешавад. Базаи моддию техникии иқтисодиёти минтақа, ки ба афзоиши назарраси истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, бахусус бо назардошти нақши он дар таъмини амнияти озуқавории кишвар, имкон медиҳад. Амнияти озуқаворӣ, пеш аз ҳама, қобилияти иқтисодиёти миллӣ ва минтақавӣ дар таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқавории худ ва имкони иваз кардани воридот ва ворид шудан ба иқтисоди ҷаҳонӣ, мо самаранокии иқтисоди минтақаро дар истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ баррасӣ хоҳем кард.

**Вожаҳои калидӣ:** минтақа, заминаи интегралӣ, заминаи моддӣ, амнияти озуқаворӣ, иқтисодиёт.

Минтақа ҷузъи ҷудонопазири ташаккулдиҳандаи заминаи моддии амнияти озуқавории кишвар буда, нақши минтақа дар таъмини амнияти озуқаворӣ ҳамчун фароҳам овардани шароит ва нишондиҳандаҳо, ки мустақилияти иқтисодии он ва қобилияти қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти

аҳолиро бо маҳсулоти озуқаворӣи истеҳсоли ватанӣ таъмин мекунад, муайян карда мешавад.

Бахусус, профессор Мадаминов А.А. таъкид мекунад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Суғд имкониятҳои қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣи истеҳоли худӣ мавҷуданд, "... дар ҷумҳурӣ, агар минтақаҳои дорои қаламрави назарраси кӯҳистонро истисно кунем (Файзобод, Ашт, Айнӣ, Варзоб, Ҳисор, Балҷувон, Ховалинг, Сари Ҳисор, Мурғоб, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва вилояти Хатлон), ки дар он ҷо табиати бойтарин нигоҳ дошта шудааст, ҳама шароитҳо барои фаъолияти кишоварзӣ мавҷуданд. Аз ин нуқтаи назар, ҷумҳурӣ имконият дорад, ки дар ҳамбастагӣ бо муҳити зист намунаи рушди истеҳсолоти кишоварзии кӯҳистон гардад. Истифодаи оқилонаи минтақаҳои номбаршуда дар ҳалли масъалаҳои истиқлолияти озуқаворӣ саҳми махсус хоҳад дошт".

Вилояти Суғд бошад, аз ҷиҳати технологӣ ва иҷтимоӣ нисбатан рушд кардаистода ва бо ҳиссаи афзояндаи МММ аз 24,7% (2012) то 27,3% дар соли 2017 тавсиф карда мешавад. МММ соҳаи кишоварзӣ - 28,9% (7116439,4 ҳаз.сомонӣ) ва ММД-и кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 24576,0 млн.сомониро ташкил медиҳад. Дар минтақа 63475 адад корхонаҳо фаъолият мебаранд, ки 38,5% шумораи умумии ҷумҳуриро ташкил медиҳад (164632 адад). Дар иқтисодиёти минтақа субъектҳои хоҷагидории шаклҳои гуногун самаранок фаъолият мебаранд, ки дар онҳо қисми зиёди аҳолии фаъол кор мекунанд. Дар асоси ҳадафҳои стратегии аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайяншуда, соли 2015 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" қабул карда шудааст.

Дар айни замон, дар доираи барномаҳои амалкунандаи дар соҳаи амнияти озуқаворӣ афзалиятҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст:

- таъмини мавҷудият ва дастрасии озуқаворӣ (дастрасии ҷисмонӣ ва иқтисодӣ) дар асоси рушди устувори бахши кишоварзӣ;
- таъмини амнияти озуқаворӣ ва таъмини аҳолӣ бо ғизои солим (бахусус, гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ);
- таъмини босуботи озуқаворӣ.

Ин афзалиятҳо тибқи принсипҳо ва меъёрҳои байналхалқӣ муайян гардида, қисми ҷудонопазири сиёсати иқтисодии давлат мебошанд.

Бояд қайд кард, ки ҳангоми татбиқи стратегияҳои дар боло зикршуда, ки амнияти озуқавориро таъмин мекунанд, нақши асосӣ ба вилояти Суғд ҳамчун минтақаи рушдкарда дар муносибатҳои технологӣ ва иҷтимоӣ тааллуқ дорад. Нақши иқтисодиёти минтақа дар таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар бо

ҷорикунии сиёсати истеҳсоли маҳсулоти самаранок тақвият дода мешавад. Ин мумкин аст:

- бо сиёсати сохторӣ ва пешгирии деиндустриализатсия дар иқтисодиёти миллӣ дар маҷмӯъ ва дар иқтисодиёти минтақа умуман;
- бо афзоиши фаъолнокии сармоягузорӣ дар истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ;
- бо усули самаранок ва реҷаи қатъии сарфаи истифодаи захираҳои истеҳсолӣ;
- ҳангоми таъмини кушодаи иқтисодиёт, бо дарназардошти ҳимояи манфиатҳои иқтисодии хориҷӣ ва озуқаворӣ кишвар.

Ба ақидаи мо, дар ҷаҳон ягон давлате нест, ки аҳолии он бо тамоми намудҳои маҳсулоти озуқаворӣ истеҳсоли ватанӣ пурра таъмин бошад. Дар Тоҷикистон, дар сатҳи миллӣ танҳо 1/3 ҳиссаи маҳсулоти озуқаворӣ дар дохили кишвар истеҳсол карда мешавад, дар деҳот - 40% маҳсулоти хӯрокворӣ маҳсулоти худӣ мебошад, дар ш. Душанбе ва дигар шаҳрҳои ҷумҳурӣ маҳсулоти озуқаворӣ асосан харида мешаванд.

Мо қаблан қайд карда будем, ки меъёри амнияти озуқавории кишвар метавонад 80% таъминоти аҳолиро бо маҳсулоти озуқавории худ баррасӣ намояд. Ҳамзамон, воридот - 20% озуқаворӣ амнияти озуқавории кишварро вайрон намекунад ва ба ҳамгироии саноати озуқавории худ ба иқтисоди ҷаҳонӣ мусоидат мекунад.

Бо назардошти он, ки амнияти озуқаворӣ - ин, пеш аз ҳама, қобилияти иқтисодиёти миллӣ ва минтақавӣ дар таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти озуқавории худ ва имкони ивазкунии воридот ва ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад.

Муайян карда шудааст, ки нақш ва имкониятҳои иқтисодиёти минтақа дар таъмини амнияти озуқавории кишвар бо динамикаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ифода ва баҳо дода мешаванд. Ҳамин тавр, тибқи маълумоти Раёсати идоракунии молиявии вилояти Суғд, то 1 январи соли 2018, қисми даромади буҷети вилоятӣ - 104,0% нақшаи муқарраршударо иҷро карда, 1607805,6 ҳазор сомониро ташкил додааст. Ҳаҷми хароҷоти буҷети минтақавӣ дар ин давра 1569807,2 ҳазор сомонӣ ё 99,9% даромадро ташкил додааст.

Таҳлили индексҳои макроиқтисодии вилояти Суғд барои соли 2017 нишон медиҳад, ки афзоиши тамоми нишондиҳандаҳо ба назар мерасад, ки афзоиши истеҳсоли маҳсулоти озуқавориро аз рӯи бисёр ҷузъҳо пешбинӣ мекунад. Ҳамин тавр, шиддати норасоии ғизо коҳиш меёбад, нархи маҳсулоти озуқаворӣ арзон мешавад, ки воридоти онро коҳиш медиҳад ва дараҷаи таъминоти

озуқавориро зиёд мекунад. Ҳамаи ин дар якҷоягӣ нақши минтақаро дар таъмини амнияти озуқавории кишвар нишон медиҳанд.

Тадқиқотҳои сершумор муайян кардаанд, ки натиҷаҳои кори зершӯъбаҳои сохтории соҳаи кишоварзии вилояти Суғд ба сатҳи таъмин (ноилшавӣ) -и амнияти озуқавории кишвар таъсири назаррас доранд. Яке аз унсурҳои асосии таъмини амнияти озуқаворӣ дар вилояти Суғд растанипарварӣ мебошад.

Маҳсулоти растанипарварӣ талаботи аҳолии худро қонеъ намуда, ҳамзамон дар таъмини амнияти озуқавории кишвар иштирок менамояд. Ҳамин тавр, дар соли 2017, дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои минтақа 480551,1 тонна сабзавот (афзоиш 4,9% нисбат ба соли 2016), 117445,4 тонна пахтаи хом (афзоиш 37,2%), 132935,8 тонна полезиҳо (афзоиш 12,1%), 123744,0 тонна мева (афзоиш 9,8%) ва 57123,1 тонна ангур (афзоиш 2,9%) истеҳсол карда шудааст.

Дар соли 2017, дар корхонаҳои ҷамъиятӣ ва хоҷагиҳои (фермерии) деҳқонии вилояти Суғд аз майдони 101,7 ҳазор гектар зироатҳои ғалладона ва лӯбиёӣ (бе ҷуворимакка) ҳосил ҷамъоварӣ карда шудааст: аз ҷумла, 211,4 ҳазор тонна ғалла ҷамъоварӣ карда шудааст, бо ҳосилнокӣ 20,8 сентнер аз ҳар гектар рост меояд.

Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки коҳишёбии ҳосилнокии истеҳсоли картошка ва қаҳтии он ба норасоии он оварда расонид, ки боиси воридоти зиёди картошка аз Ҷумҳурии Исломии Покистон гардид. Ин вобастагии озуқавориро афзоиш медиҳад ва сатҳи амнияти озуқавории кишварро коҳиш медиҳад. Дар таъмини амнияти озуқаворӣ корхонаҳои ҷамъиятӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и вилояти Суғд нақши муҳим доранд. Соли 2017 аз хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва ҷамъиятии вилояти Суғд, аз 8143,3 гектар сабзавот ҷамъоварӣ карда шуда, 230,6 ҳазор тонна бо ҳосилнокии 283,2 сентнер аз 1 гектар ва аз гармхонаҳо 279,6 тонна сабзавот ҷамъ оварда шудааст.

Соли 2017 дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии минтақа, кишти тирамоҳӣ дар масоҳати 1543,3 га гузаронида шудааст, ки аз он 1464,8 га - пиёз ва 78,5 га – сирпиёз мебошад. Нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба 34,0% зиёд зироатҳо кишт карда шудааст. Дигар унсури муҳим, ки нақши минтақаро дар таъмини амнияти озуқавории кишвар нишон медиҳад, сатҳи рушди чорводории вилояти Суғд мебошад.

Чорводории минтақа аҳолиро бо маҳсулоти гушт, шир ва пашм таъмин намуда, воридоти онро коҳиш медиҳад ва сатҳи амнияти озуқавории кишварро баланд мебардорад. Ҳамин тариқ, 1 январи соли 2018, дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои вилояти Суғд саршумори чорвои калони шохдор ба 631 ҳазор сар

расид, аз он ҷумла 4,8 ҳазор сар гӯсфанд ва буз (0,8%), 46,5 ҳазор сар паррандагон (3,2%), ки назар ба соли гузашта ба 4,1 баробар зиёд аст.

Ҳамзамон, афзоиши маҳсулоти озуқаворӣ дар вилояти Суғд боиси болоравии индекси нархҳои истеъмолии баъзе молҳо ва коҳишёбии нархи молҳои дигар гардид. Дар маҷмӯъ, аз оғози соли 2017 индекси нархҳои истеъмолӣ дар минтақа ба 6,1% афзоиш ёфтааст. Суръати миёнаи моҳонаи таваррум дар бахши истеъмолӣ - 0,5%-ро ташкил дод (дар ҳамин давраи соли гузашта ин нишондиҳанда низ 0,5% ташкил додааст). Индекси нархҳои истеъмолӣ дар вилояти Суғд дар соли 2017 - 106,9%, аз ҷумла ба маҳсулоти озуқаворӣ - 109,1%-ро ташкил дод. Ҳамин тариқ, таҳлили нишондиҳандаҳои макроиқтисодии фаъолияти вилояти Суғд нишон медиҳад, ки нақши минтақа дар таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар хеле бузург аст.

**Адабиёт**


1. Мадаминов А.А. Масъалаҳои рушди устувори соҳаи кишоварзии Тоҷикистон.- Душанбе, ТАУ, 2006. - С.265
2. Солномаи омори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2018. - С.291
3. Солномаи омории вилояти Суғд 2018. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2019. - С.189.
4. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2012, № 383 тасдиқ шудааст.
5. Тафсири буҷети хоҷагии хонавода. Душанбе, 2017. – С.125-134.


## *ВКЛАД РЕГИОНА В ФОРМИРОВАНИИ ОСНОВЫ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ*

***Бобоазиззода Ш.А. Шарипова Д.М.***

***Аннотация:*** *В статье рассматривается роль региона в создании материально-технической базы обеспечения продовольственной безопасности, материально-технической базы (МТБ) региональной экономики, позволяющей значительно увеличить производство продукции продовольственного назначения, особенно с учётом её роли в обеспечении (достижения) продовольственной безопасности страны. Продовольственная безопасность – это, прежде всего, способность национальной и региональной экономики обеспечить население продовольствием собственного производства и возможность импортозамещения и интеграции в мировое хозяйство, эффективность региональной экономики в производстве продовольственной продукции.*

***Ключевые слова:*** *регион, интеграл, материальная база, продовольственная безопасность.*

## CONTRIBUTION OF THE REGION TO FORMATION OF FOOD SECURITY BASIS

***Bobofzizzoda Sh. A., Sharipova D. M.***

*The article considers the role of the region in creating the material and technical base for ensuring food security. The material and technical base (MTB) of the regional economy, which allows to significantly increase the production of food products, especially taking into account its*

*role in ensuring (achieving) food security of the country. Food security is, first of all, the ability of the national and regional economy to provide the population with food of its own production and the possibility of import substitution and integration into the world economy, consider the effectiveness of the regional economy in the production of food products.*

***Keywords:*** *region, integral, material base, food security*

**Маълумот дар бораи муаллифон:**

**Бобоазиззода Шамшод Абдуғафур** – *н.и.и. дотсент мудири кафедраи менеҷмент ва соҳибкории Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур. Телефон. 939800202.*

**Шарипова Дилафруз Маҳмудовна** – *н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. Телефон: 926-06-77-75*

**УДК: 338.431(575.34)**

# ОМИЛҲОИ МУАЙЯНКУНАНДАИ РАВАНДИ ТАКМИЛЁБИИ ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОИИ ДЕҲОТ

***Ҳодиев Д., Сатторов Ё. А.***

**Аннотатсия:** Дар мақола ҷанбаҳои илмию назариявии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ҷараёнҳои рушди муносибатҳои иқтисодию иҷтимоии замони муосир, ки боиси пайдоиши дигаргуниҳои ҳаёти мураккаби умумиҷамъиятӣ гардидаанд, нишон медиҳанд, ки бартарии асосии рақобати кишварҳо ва минтақаҳо бо нишондоди миқдорию сифатӣ бевосита бо рушди сармояи инсонӣ алоқаманд аст. Дар чунин вазъият, масъалаи фароҳам овардани шароити мусоид, ки ҳаёти одамон ва рушди ҳамаҷонибаи сармояи инсониро таъмин карда метавонад, аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад.

**<u>Вожаҳои калидӣ:</u>** деҳот, инфрасохтори иҷтимоӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ**,** стандартҳои иҷтимоӣ, рушди деҳот, соҳибкорӣ.

Дар шароити суръатгирифтани муносибатҳои бозорӣ, мавқеъ пайдо кардани бахши хусусӣ дар муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ, дигаргуншавии низоми идоракунии хоҷагидорӣ вобаста ба тақозои ҷаҳони муосир дар самти такмил ва ташаккули инфрасохтори иҷтимоии ба талабот мувофиқ, низ тағйиротҳои куллӣ ба вуҷуд омаданд, ки ин тағйиротҳо дар шароити деҳот низ ба назар мерасанд. Қаблан мушкилоти алоқаманд бо таъмини инфрасохтори иҷтимоии деҳот бо маблағгузории давлатӣ ҳал карда мешуд. Аммо бо пайдо шудани соҳаҳои гуногуни маблағталаб ва мураккаб гардидани сохтори иҷтимоии давлат дар аксари мавридҳо мушкилоти алоқаманд бо рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот сари вақт ҳали худро пайдо намекунад. Ин нуқта албата ба таври васеъ дар натиҷаҳои илмии Неъматов Б., Тағоев Ҷ.Ҳ. ва Аҳмадов Р. қайд шудааст. Мақсад аз муаррифии ин нуқтаи назар аз он иборат аст, ки баъди дигаргуниҳои сохтори дар низмои хоҷагидории Иттиҳоди

давлатҳои мустақил, рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот зери таъсири омилҳои зиёде қарор гирифт, ки ҳануз ҳам аз таъсири онҳо роҳи тарақиёт ва рушди замонавиро пайдо накардааст. Аз ин хотир мо дар раванди таҳқиқ тасмим гирифтем, ки маҷмуи омилҳо, ки ба раванди такмилёбӣ ва ташаккулёбии инфрасохтори иҷтимоии деҳот бевосита ё бавосита таъсир мекунанд, муайян намуда, вобаста ба хусусияти таъсири онҳо роҳҳои рушди ин инрасохтори иҷтимоии мусоидро барои аҳолии деҳот муайян намоем.

Дар мариди таҳқиқ натиҷаи корҳои илмию таҳқиқотӣ муайян намуданд, ки то ҳанӯз таснифоти ягонаи омилҳои таъсиррсон ба рушди инфрасохтори иҷтимоӣ вуҷуд надорад. Роҷеъ ба таснифоти омилҳои алоқаманд бо рушди инфрасохтори иҷтимоии аз ҷониби олимон ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад. Ҳар як муҳақиқ вобаста ба равияи омӯзишии худ, кӯшиш намудааст, ки маҷмуи омилҳоеро муайян созад, ки бевосита ба масъалаи таҳқиқ робита дорад. Гузашта аз ин мо чунин фикр мекунем, ки вуҷуд надоштани назарияи ягона оид ба таснифоти омилҳои инфрасохтори иҷтимоӣ, ин пеш аз ҳама ба зуҳур кардани ногаҳонии омилҳо, яъне хусусияти номуайянии онҳо инчунин аз сохтори ҷойгиршавии минтақа, намуди шуғл дар минтақа, сатҳи талаботи мардум роҷеъ ба истифодаи объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ ва ғ. вобаста мебошад. Дар ҳар сурат барои баровардани хулосаи аниқ роҷеъ ба таснифоти намуди омилҳои таъсиррасон ба инфрасохтори иҷтимоии деҳот, натиҷаҳои хулосаҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ мавриди назар қарор дода шуда, сипас хулосабарори хоҳем кард.

Дар мавриди вобастагии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот Петренко И. Я. ва Чужинов П.И. қайд мекунанд, ки нахустин кӯшиши такмил ва ташаккули инфрасохтори иҷтимоии барои аҳолии деҳот мувофиқ, ин бартараф кардани мавҷудияти таъсири манфии омилҳо мебошад. Ва дар ин росто онҳо қайд мекунанд, ки раванди ташаккули инфрасохтори иҷтимоӣ қабла бояд дар системаи комплекси агросаноатӣ ба назар гирифта шуда, сипас вобастагии онро аз омилҳои муайян кардан мумкин аст, ба монанди: шароити хок ва иқлим; релефи замин; ҳолати роҳ; маҳалли ҷойгиршавии хоҷагӣ; хусусиятҳои технология; ҷойгиршавии иншооти истеҳсолӣ; сатҳи тахассус; сатҳи консентратсия ва ғ. [1, с.560].

Воқеан, дар шароити муосир, деҳот ва кишоварзӣ маҷбуранд бо назардошти вазъи ғайриқаноатбахши тамоми системаи кишоварзӣ ва тарзи ҳаёти деҳот фаъолият ва рушд кунанд. Вазифаҳои рушди соҳаи кишоварзӣ барои ҷойгиркунии ҷузъҳои механизми иқтисодии соҳавӣ ва деҳот, муайян ва баррасии омилҳои дахлдори рушд талаботи нав ба миён гузоштанд. Дар ҳалли

мушкилоти рушди деҳот ва инфрасохтори онҳо равишҳои гуногун мавҷуданд. Маълум аст, ки деҳот ва фаъолияти хоҷагидорӣ дар деҳот, ин муҳимтарин такягоҳи аҳолии шаҳр дар робита ба қонеъсозии талабот ба маҳсулоти тозаи хоҷагии қишлоқ ба ҳисоб меравад. Аз ин, рӯ аксарияти олимон таснифоти омилҳоро бо таваҷҷӯҳ ба рушди комплекси аграсаноатӣ таҷдиди назар кардаанд, ки ин албата аз аҳамият холи нест.

Ҳамин тавр, узви вобастаи Академияи илмҳои кишоварзии Федератсияи Руссия Огарков А.П. чунин мешуморад, ки сохтмони асосии деҳот бояд ҳамчун самти афзалиятноки рушди минтақаҳои деҳоти ҳар давлат дар нуқтаҳои аҳолинишин бо минтақаҳои ҳамаҷонибаи муҷаҳҳази функсионалӣ, таҷҳизоти муҳандисии зарурӣ эътироф карда шавад, то фарқиятҳои таърихан мавҷудбудаи шаҳрҳо ва деҳотро пешгирӣ кунанд, инчунин вайроншавии системаи шаҳраксозии деҳотро пешгирӣ кунанд ва дар баробари ин аз нигоҳи стратегӣ як низоми инфрасохтори хуби иҷтимоиро таъмин намоянд, ки аз натиҷаи таъсири омилҳо кам зарар бинад. Яъне у ба сифати омилҳои таъсиррасон мавҷуд набудани иншоотҳои муҳандисӣ ва баэътибор нагирифтани ҷойгиршавии дурусти объектҳои иҷтимоиро ҷудо намудааст [2, с.67].

Воқеан, дар мавриди ба талаботи замон мувофиқ сохтани инфрасохтори иҷтимоӣ бояд аз нигоҳи муҳандисӣ шуғли таърихан муҳим ё анъанавии ҳар як деҳот ҳифз карда шавад. Деҳоте, ки ба парвариши ҳайвонот, паранда, маҳсулоти полезӣ ва ба инҳо монанд аз қадим боз машғул буд ва малакаи зарурӣ дар ин самт дорад, набояд аз байн бурда шавад.

Ҳамин тариқ, Мичурин Ф.З. қайд мекунад, ки таваҷҷӯҳи махсус дар шароити муосир бояд ба такмил додани механизми идоракунии эҷоди инфрасохтори муҳандисӣ дар деҳот дода шавад, зеро бунёди шабакаҳои муҳандисӣ сифати зиндагии мардуми деҳотро дар баробари беҳбуди шароити истеҳсолот беҳтар менамояд ва ба низоми инфрасохтори иҷтимоии деҳот таъсири мусбӣ мерасонад [3, с.330].

Ба гуфтаи муаллиф, сатҳи рушди муҳандисии қаламрав ба рушди инфрасохтори иҷтимоии шаҳракҳои деҳот таъсир мерасонад. Баъзе унсурҳои инфрасохтори иҷтимоӣ ҳадафи дуҷонибаи функсионалӣ доранд: иҷтимоӣ ва истеҳсолӣ. Инҳо иншооти муҳандисӣ, шабакаҳо, коммуникатсия мебошанд. Сатҳи баланди рушди муҳандисӣ сатҳи баланди ободонӣ, барқ, газ, об, яъне рушди иҷтимоии деҳотро пешакӣ муайян мекунад. Ғайр аз он, ба дигар объектҳои таъиноти иҷтимоӣ имконият дода мешавад, ки дар иҷрои вазифаҳои махсуси худ аз инфрасохтори муҳандисӣ истифода баранд.

Албата ба инҳо монанд таклифҳоро дар бораи вусъат додани сохтмони муҳандисӣ ва манзил дар деҳот, ки муҳимтраин омили инфрасохторӣ ба ҳисоб мераванд аз ҷониби бисёр олимони ватанию хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор додашудааст.

Бояд қайд кард, ки зарурати баланд бардоштани сатҳи рушд ва рушди муҳандисии қаламравро бӯҳрони системавии соҳа маҳдуд мекунад, ки хусусиятҳои хоси он, ба гуфтаи академики Академияи илмҳои кишоварзии Федератсияи Руссия Крилатих Е.Н., инҳо буда метавонанд: деформатсияи сохтории механизми иқтисодии соҳавӣ, вайрон кардани робитаҳо ва таносубҳои мавҷуда; паст шудани сатҳи ҳосилхезии хок, кам шудани майдони заминҳои кишоварзӣ; паст шудани сатҳи дастгирии давлатӣ ба соҳа; тамоюлҳои манфии рушди иҷтимоии деҳот, аз байн рафтани маҳалҳои аҳолинишин, кам шудани шумораи аҳолии деҳот, озод кардани коргарон аз корхонаҳои барҳамхӯрдаи кишоварзӣ [4, с.8].

Дар баробари ин гуфтаҳо инчунин баъзан олимон таваҷҷӯҳи бештар ба дастгирии давлатии рушди инфрсохтори иҷтимоии деҳот додаанд ва чунин мешуморанд, ки муҳимтарин омили муайянкунандаи дараҷаи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар шароити деҳот, айни замон ин зарурат ба дастгирии давлатии соҳа мебошад.

Ҳамин тариқ, айни замон, татбиқи амалии тадбирҳое, ки ба рушди инфрасохтори минтақаҳои деҳот нигаронида шудаанд, нуқсонҳои муайяне доранд. Аммо аке аз муҳимтарин омил, ин мушкилоти ҷиддии маблағгузорӣ ва дастгирии давлатӣ ба ҳисоб маравад. Муқаррар карда шудааст, ки сабабҳои асосии вазъи таърихан номусоиди рушди минтақаҳои деҳот, ин принсипи маблағгузории рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва муҳандисии деҳа, сатҳи баланди хароҷоти рушди маҷмӯии маҳалҳои аҳолинишини деҳот бо сабаби табиати парокандаи шаҳракҳои деҳот мебошанд.

Мушкилоти маблағгузории нокифояи соҳаҳои афзалиятноки алоқаманд бо рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва дар маҷмуъ низоми хоҷагидории мардуми деҳот дар ҷумҳурии мо мушоҳида мешавад. Албата, сарфи назар аз он, ки дар таҷрибаи муосир тамоюли афзоиши маблағгузорӣ аз буҷет ва манбаъҳои ғайрибуҷави гуногун оид ба рушди фаъолият дар шароити деҳот ба назар мерасад, аммо бовуҷуди ин ҳанӯз ҳам дар рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот тағйироти куллӣ ба назар нарасидааст, ки аз он мардуми ин ё он деҳот ибрози қаноатмандӣ дошта бошанд.

Илова бар ин баъзан муаллифони дигар чунин мешуморанд, ки аз нигоҳи сохтори демографӣ метавонад омилҳои зиёде вуҷуд дошта бошанд, ки барои

пойдории рушди деҳот таъсир гузоранд. Вобаста ба ин қайд шудааст, ки имрӯз зарурати таъмини маблағгузории кафолатноки чорабиниҳо оид ба рушди иҷтимоии деҳот, ташкили гурӯҳи мувофиқи иҷтимоӣ - синфи миёна дар деҳот муҳим аст [5, с.13].

Инчунин ёдовари шудааст, ки ташаккули синфи миёна дар деҳот, ҷиҳати пешгирии кам шудани шумораи аҳолии деҳот, муттаҳидшавии он дар деҳот ва нигоҳ доштани шаҳраки деҳот бояд ташаббусҳо анҷом дода шавад. Таҳлили равишҳои муосири назариявӣ оид ба муайян кардани омилҳое, ки ба рушди инфрасохтори иҷтимоии шаҳракҳои деҳот таъсир мерасонанд, аз ҷониби муаллиф гузаронида шудааст, ки дар хулосаи худ онҳоро ба таври умум ба се намуди асосӣ ҷудо кардааст:

- аввалан, аксарияти пешниҳодҳо, ки ба низоми рушди устувори муносибатҳои ӣқтисодию иҷтимоии деҳот бахшидашудаанд ва хусусияти татбиқию умумиро касб намудаанд;

- дуввум, кӯшишҳои аниқ дар робита ба масъалаҳои таъмини маблағгузории зарурии барномаҳои рушди деҳот, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми деҳот, нигоҳдорӣ ва такмил додани системаи шаҳраксозии деҳот, зарурати ба назар гирифтани шароити табиӣ ва шароити экологӣ, афзоиши суръати сохтмони манзил ва беҳтар намудани инфрасохтори муҳандисӣ дахл доранд;

- сеюм, ҷамъи пешниҳодҳо ва ташаббусҳо, ки барои омӯзиши омилҳои ба рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва унсурҳои инфиродии он бевосита таъсир мерасонанд, ба таври кофи табиқи амалии худро пайдо карда наметавонанд.

## Адабиёт


1. Петренко И.Я. Экономика сельскохозяйственного производства / И.Я. Петренко, П.И. Чужинов. – Алма-ата: Кайнар, 1992. – 560 с.
2. Огарков А.П. Главный приоритет в устойчивом развитии сельских территорий // Экономика сельского хозяйства России. – 2009. – № 7. – С. 67-72.
3. Мичурина Ф.З. Оптимизация экономических и социальных факторов развития сельских территорий / Ф.З. Мичурина, Л.И. Теньковская, Е.В. Роженцева. – Пермь: ПГСХА, 2012. – 330 с.
4. Крылатых Э.Н. Прогноз развития агропродовольственного сектора России до 2030 года // Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий. – 2006. – № 9. – С.8-12.
5. Пациорковский В.В. Ключевые направления возрождения и закрепления сельского среднего класса // Аграрный вестник Урала. – 2009. – № 8. – С. 16-20. 2)
6. Петриков А.В. Формирование условий для развития среднего класса в деревне // Аграрный вестник Урала. – 2009. – № 8. – С. 13-16.

7. Бондаренко, Р. П. Роль и значение социальной инфраструктуры села/Р. П. Бондаренко//Экономика, управление, финансы: материалы II междунар. науч. конф. (г. Пермь, декабрь 2012 г.). – Пермь, 2012. - С. 183-185.
8. Каримова, М.Т. Организация социальной работы в Таджикистане/М.Т. Каримова, Ф.М. Муминова. - Душанбе: Ирфон, 2011.- 86с.
9. Васильев, В.П. Социальная инфраструктура села и рынков/В.П. Васильев - Йошкар-Ола: Колос. - 1998. - 184с.
10. Ахмедов Р.Р. Основы формирования и развития сферы социальных услуг в сельской местности/Автореф. дисс. на соиск. уч. степени к.э.н. - Душанбе, 2017. - 22 с.

## ФАКТОРЫ, ОПРЕДЕЛЯЮЩИЕ ПРОЦЕСС СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ СОЦИАЛЬНОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ СЕЛА

***Ходиев Д.А., Сатторов Ё.А.***

В статье рассматриваются теоретические и прикладные аспекты развития социальной инфраструктуры сельских местностей. Тенденции развития современных экономических и социальных отношений, которые привели к сложным изменениям в общественной жизни, показывают, что главное конкурентное преимущество стран и регионов в количественном и качественном отношении напрямую связано с развитием человеческого капитала. В этой ситуации вопрос создания благоприятных условий, обеспечивающих жизнь людей и полноценное развитие человеческого капитала, приобретает первостепенное значение.

**Ключевые слова:** село, социальная инфраструктура, социальные услуги, социальные стандарты, развитие села, предпринимательство.

## THE FACTOR DETERMINING THE PROCESS OF IMPROVING THE SOCIAL INFRASTRUCTURE OF THE VILLAGE

***Hodiev D.A. Satorov Yo.A.***

The article examines the theoretical and applied aspects of the development of social infrastructure in rural areas. Trends in the development of modern economic and social relations, which have led to complex changes in public life, show that the main competitive advantage of countries and regions in quantitative and qualitative terms is directly related to the development of human capital. In this situation, the issue of creating favorable conditions that ensure the life of people and the full development of human capital becomes of paramount importance.

**Key words:** village, social infrastructure, social services, social standards, rural development, entrepreneurship.

**Сведения об авторов:**

**Ҳодиев Дадахон Абдуллоевич –** н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги ДМТ, 734025, шаҳри Душанбе, тел: (992) 93 501 70 51. **E-mail:** mfahim@mail.ru

**Сатторов Ёваршо Аторутшоевич** –ассистенти кафедраи маркетинг ва агробизнеси ДАТ ба номи Ш. Шохтемур,734025, город Душанбе, (992)98 777 71 43; **E-mail:** yovar-03.95@mail.ru

УДК: 569.48.75.9.

# ТАМОЮЛИ РУШДИ СОҲИБКОРӢ ДАР ИҚТИСОДИ ДЕҲОТ

***Одинаев Ш. Т., Бозориев Р. Ш.***

**Аннотатсия:** дар мақолаи мазкур, фаъолияти соҳибкори дар шароити имрузаи деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, ҳамзамон дар шароити муосир рушди соҳибкорӣ дар иқтисоди деҳот бидуни тадбиқи шаклҳои гуногуни фаъолияти интегратсионӣ имконопазириро нишон додааст.

**Калимаҳои калидӣ**: соҳибкорӣ, деҳот, иқтисодиёт, рушд, моликияти хусусӣ, интегратсия.

Барои ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳар муҳити бозор се шарти муҳим зарур аст: моликияти хусусӣ; муҳити ракобат; ташаббуси соҳибкорӣ. Мавҷудияти ин шартҳо асосҳои ташкилии ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкориро дар деҳот муайян намуда, аммо зуҳури амалии ин шартҳо бо сатҳи муаяйнии асосҳои зерин вобастагӣ дорад: ,

- асосҳои ҳуқуқӣ, ки қабули санадҳои зарурии меъёрӣ-ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки ин «қоидаҳои умумии бозиро» барои ҳамаи субектҳои соҳибкорӣ муайян мекунад;
- асосҳои иқтисодӣ, ин муносибатҳои моликияти соҳибкорон ва сохторҳои хоҷагидорӣ дар ҷомеа;
- интихоби озоди шаклҳои ташкилии фаъолияти соҳибкорӣ вобаста бо афзалиятҳо ва норасоиҳои шаклҳои муайяни хоҷагидорӣ мебошад.

Бинобар ин, яке аз шароити муҳимтарини ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар иқтисоди деҳоти Тоҷикистон таснифгардии ҳуқуқи моликият, ки дар натиҷаи он одамони кордон ва боғайрат соҳиби ҳуқуқи иқтисодӣ мешаванд. Бояд такид намуд, ки ташаккул ва рушди бемайлони соҳибкорӣ дар иқтисоди деҳот бо тариқи гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ аз тарафи давлат, пеш аз ҳама бо қабулу амалигардонии Қонуни Ҷумҳрии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» (16 май соли 1997 №464), ки муносибатҳои байни давлатро дар шахси мақомоти ваколатдори он ва шахсони ҳуқуқию воқеӣ дар рафти хусусигардонии моликияти давлатӣ муаяйн сохту имконият дод, ки субъектҳои хоҷагидори иқтисоди деҳот соҳиби моликият шаваду ҳуқуқи истифодабарии ин моликиятро пайдо намояд, оғоз ёфта буд. [1]. Чуноне, ки аз рақамҳои ҷадвали ҷадвали 1, бармеояд дар давоми солҳои 1997 то 2019 дар мамлакат беш аз 2796 воҳиди амволи давлатӣ ва ё корхонаҳои давлати хусусимгардонида шудааст. Дар соҳаи кишоварзӣ бошад, дар ин давраи беш аз 785 адад хусуси гардонида шудааст, ки беш аз 28 фоизи хусусигардонии амволи умумии давлатиро дар бар мегирад. Дар иқтисоди деҳот боз иншоотҳои

давлатии дигар соҳаҳо (сохтмон, амволи хизмарасониҳои гуногкн, нақлиёту алоқа ва ғ.) хеле бисёр буд, ки онҳо низ хусусӣ гадонида шуда барои рушди соҳибкори мусоидат намуданд.

**Ҷадвали 1.**

**Раванди хусусигардонии амволи давлатӣ аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёт дар солҳои 1997-2019**

| | 1997 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2019 | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Саноат** | 18 | 21 | 90 | 9 | 6 | 57 | 201 |
| **Сохтмон** | 10 | 16 | 75 | 2 | 2 | 1 | 106 |
| **Нақлиёт ва алоқа** | 7 | 19 | 79 | 15 | 8 | 2 | 130 |
| **Савдо** | 335 | 150 | 78 | 6 | - | 3 | 572 |
| **Хизматрасонии маишӣ** | 181 | 90 | 50 | 13 | 26 | 1 | 361 |
| **Кишоварзӣ** | 40 | 275 | 182 | 181 | 101 | 6 | 785 |
| **Ва ғайра** | 105 | 276 | 116 | 66 | 58 | 20 | 641 |
| **Ҳамагӣ** | 696 | 648 | 670 | 292 | 201 | 24 | 2796 |

Сарчашма: Тоҷикистон: 25 соли Истиқлолият. Душанбе. – 2016 с. 237. Омори ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020, с. 224

Такмилёюии инситиутҳои моликият ва ҳамзистии баробари шаклҳои гуногуги моликият мутобиқ бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият фароҳам овард, ки ҳар як фарди мамлакат ҳамагуна моликияте, ки дар ихтиёри худ дорад барои ташкили фаъолияти иқтисодиву тиҷоратӣ ва гирифтани даромад истифода барад. Яъне ба ибораи дигар имконияти сармоягардонии молу амволи тамоми шаҳрвандон рӯи кор омад. Ин раванд бо тариқи ташкили шаклҳои гуногуни соҳибкорони инфиродӣ сурат гирифт. Ба қайдгирии соҳибкорони инфиродӣ бо тариқи шаҳодатнома, хоҷагии деҳқонӣ ва патент фаъолият менамоянд дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.**

**Шумораи соҳибкорони инфиродии ба қайд гирифташуда ва амлакунанда тибқи патент ва шаҳодатнома дар ҳудуди ҷумҳурӣ**

| | **2015** | | | | **2019** | | | | **С.2019 нисбат ба с 2015,%** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Шаҳо-датнома** | **Хоҷа-гии деҳ-қонӣ** | **Патент** | **Ҳамагӣ** | **Шаҳо-датнома** | **Хоҷа-гии деҳ-қонӣ** | **Патент** | **Ҳамагӣ** | |
| | **Ба қайдгиифташуда** | | | | | | | | |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | 61397 | 125215 | 217231 | 403843 | 78469 | 163095 | 319105 | 561269 | 914,1 |
| **аз он ҷумла дар:** | | | | | | | | | |
| **ВМКБ** | 1343 | 81 | 4603 | 6027 | 1754 | 491 | 6434 | 8679 | 646,2 |
| **Вил. Хатлон** | 10116 | 48207 | 51188 | 109511 | 12601 | 63908 | 73519 | 150028 | 1483,1 |
| **Вил. Суғд** | 15787 | 50815 | 74436 | 141038 | 20160 | 64646 | 111921 | 196727 | 1246,1 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **НТҶ** | 11758 | 26092 | 38224 | 76074 | 15911 | 34629 | 55366 | 105906 | 900,7 |
| | **фаъолияткунанда** | | | | | | | | |
